**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи «Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) иешниҳод карда шудааст.**

Тавре аз автореферати диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович бар меояд, мавзӯи тадқиқотии **«Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)»**, ки аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 194 саҳифаи чопӣ анҷом дода шудааст.

Дар замони муосир омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба омилҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию амниятӣ мавриди таваҷҷуҳи на танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки муҳаққиқони дохилию хориҷӣ қарор гирифтааст. Чунин таваҷҷуҳ бо назардошти оне аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистону Қирғизистон ҳамчун кишварҳои болооб дорои захираҳои бойи табиӣ, мавқеи хуби стратегӣ-транзитӣ ва таърихи бою рангин мебошанд. Аммо раванди ҳамгироӣ ва сатҳу сифати муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мисоли Тоҷикистону Қирғизистон ба имкониятҳои мавҷудаи ҳамкориҳо пурра ҷавобгӯ набуда, ниёз ба такомул ва фатҳи қуллаҳои нав ба навро дорад.

Бо дарназардошти ин, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоев Ҷамшед Темурович маҳз ба таҳлили ҳам заминаҳои таърихии ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва ҳам ба масъалаҳои сарҳадӣ ва мушкилоти марбут ба он дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ бахшида шудааст, ки имрӯз ҳамчун масъалаи мубрам дар самтгирии сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар шинохта мешавад.

Муаллиф ҳафт самт ва ҳафт масъалаи муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистонро дар самтҳои иқтисоду тиҷорат, илму фарҳанг, сиёсию амниятӣ ва танзими масоили сарҳадӣ  дуруст дарк намуда, ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистонро дар автореферат ишора намудааст. Ба ақидаи

муаллиф дар ибтидои асри XXI, марҳилаи ташаккули муносибатҳои гуногунсамтаи байнидавлатӣ ва афзоиши таваҷҷуҳи муштараки рушди ҳамкориҳо оғоз гардид.

Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар автореферат мушкилиҳои асосии рушди муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистонро бо Қирғизистон вобаста ба тағйирёбии зернизоми минтақавӣ ва ивазшавии сарвари давлати Қирғизистон иинъикос намудааст. Ҳамчунин, муаллиф марҳилаҳои тавсеаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлати Қирғизистон ҷудо намуда, дар ҳар марҳила самтҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои байидавлатиро нишон додааст.

Дар баробари ин, мушкилиҳое дар муносибатҳои байнидавлатии ҷонибҳо вуҷуд доранд, ки ба сатҳ ва сифати ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо Қирғизистон таъсири манфӣ мерасонанд. Чунончӣ, баррасии ҳамкориҳои бисёрҷониба бо давлати ҳамҷавор – Қирғизистон дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳати таҳлили зарфиятҳои муносибатҳо, монеаҳои рушди ҳамкориҳо ва дурнамои такомули равобити мутақобилан судманд дар қаринаи зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ ва тағйирёбии низоми ғеополитикии минтақа ва ҷаҳон муҳиму саривақтӣ мебошад.

Бо дарназардошти вазъи кунунии раванди ҷаҳонишавӣ, низоми минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ, ивазшавии вазъи қазияи Афғонистон ва таъсири онҳо ба дурнамои ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистону Қирғизистон ироаи якчанд пешниҳодҳои зерин зарур шуморида мешавад:

1. Муаллиф дар автореферат баъзе мушкилоти рушди ҳамкориҳоро дар мисоли мушкилоти сарҳадӣ ишора намудааст, вале онҳо дар шакли муназзам оварда нашудаанд, хуб мешуд онҳо ба таври мушаххас баён мегардиданд, чунки дар давраҳои муайян асоси сардии муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистонро маҳз мушкилоти мазкур ташкил медиҳад;

2. Муаллиф дар автореферат оид ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар доираи сохторҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ кам маълумот додааст. Аз ин рӯ, тавсия мегардад, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда масъалаи мазкур ба таври алоҳида пайгирӣ карда шавад, зеро ҳар ду кишвар дар бисёр созмонҳои минтақавӣ муассис ва аъзои комилҳуқуқ мебошанд;

3. Хуб мешуд, ки зербоби дуюми боби сеюмро дар шакли дурнамои ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба номгузорӣ менамуд, ки он ба таҳкими муносибатҳо мусоидат менамуд;

Дар маҷмуъ, эроду пешниҳодҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ба муҳтавои рисола таъсир намерасонанд. Автореферат дар сатҳи баланди илмӣ ва бо риояи тамоми талаботҳои пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, муаллифи он Абдуллоев

Ҷамшед Темурович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Сардори Раёсати омӯзиши масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ** **Додихудоев Х. А.**

**Имзои Х. А. Додихудоевро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва умумии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Шодиева З. Д.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 89.**
**Тел. (корӣ.): (+992 372) 221-11-00**
**E-mail: khurhsed76@mail.ru**
**Суроғаи сомонаи расмии МТС https://mts.tj/**